ББК-65.052
УДК-33.07
Ҳ-26

# ТАҲЛИЛИ ОМИЛҲОИ МУҲИТИ БЕРУНИИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ ВА ТАСНИФОТИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Ҳасанова Нигора Ҷамоловна*** - *омӯзгори кафедраи кори бонкӣ МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Гафуров», (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail: sssr-8186@mail.ru*

# АНАЛИЗ ВНЕШНИХ ФАКТОРОВ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ И ИХ КЛАССИФИКАЦИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

***Хасанова Нигора Джамоловна*** - *преподаватель кафедры банковское дело ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова» (Республика Таджикистан, г.Худжанд), e-mail: sssr-8186@mail.ru*

# ANALYSIS OF EXTERNAL FACTORS OF AGRICULTURAL ENTERPRISES AND ITS CLASSIFICATION UNDER MODERN CONDITIONS

***Hasanova Nigora Dzhamolovna*** - *Lecturer, Department of Banking, State Educational Institution "Khujand State University named after academician B. Gafurov" (Republic of Tajikistan, Khujand), e-mail:sssr-8186@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *корхонаи кишоварзӣ, баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, таҳлили стратегӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ, хоҷагии қишлоқ, комплекси агросаноатӣ.*

*Дар мақолаи мазкур таҳқиқот оиди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва омилҳои беруна нигаронида шудааст, ки ба фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона таъсир мерасонанд. Дар асоси таҳқиқотҳо роҳҳои назаррас оиди беҳтар кардани вазъи корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст. Нуқтаи муҳим дар мундариҷаи мақолаи илмӣ ин хулоса ва пешниҳодҳо оид ба омилҳои муҳити берунии корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.*

***Ключевые слова:*** *сельскохозяйственное предприятие, стратегический управленческий учет, стратегический анализ, бухгалтерский учет, сельское хозяйство, агропромышленный комплекс.*

*Данная статья посвящена исследованию стратегического управленческого учета и внешних факторов, влияющих на финансово-экономические показатели предприятия. На основании исследования предложены существенные пути улучшения положения сельскохозяйственных предприятий. Важным моментом в содержании научной статьи являются выводы и рекомендации по факторам внешней среды сельскохозяйственных предприятий Республики Таджикистан.*

***Key words:*** *agricultural enterprise, strategic management accounting, strategic analysis, accounting, agriculture, agro-industrial complex.*

*This article is devoted to the study of strategic management accounting and external factors affecting the financial and economic performance of the enterprise. On the basis of the study, significant ways to improve the situation of agricultural enterprises are proposed. An important point in the content of the scientific article is the conclusions and recommendations on the factors of the external environment of agricultural enterprises of the Republic of Tajikistan.*

Таҳлили стратегии шароити тиҷорати хориҷӣ ва дохилӣ асос барои муайян кардани рисолати корхона, ҳадафҳои стратегии он, унсури асосии тамоми системаи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва замина барои қабули қарорҳои стратегии идоракунӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳлили оқилонаи муҳити бузург ва корхона имкон медиҳанд, ки стратегияи оптималии рушд ва ба даст овардани арзишҳои калидии ҳам хусусияти молиявию иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ дошта таҳия карда шаванд.

Бо вуҷуди ин, дар айни замон мушкилоти таҳияи воситаҳои таҳлили стратегӣ бо истифода аз технологияҳои муосири муҳандисӣ, аз ҷумла таҳлили муҳити берунаи корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, ҳамчунон мубрам боқӣ мемонанд.

Ҳадафи таҳлили стратегӣ омода кардани пояи иттилоотӣ барои татбиқи самарабахши марҳилаҳои минбаъдаи банақшагирии стратегӣ мебошад: таърифи дақиқи ҳадафҳои стратегии корхона, интихоби оптималии стратегия ва тактика. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф маълумоти таҳлилӣ дар бораи мавқеи рақобатии корхона ва ҳолати рақобатпазири он дар миқёси муҳити тиҷоратии дур ва наздик нақши муҳим мебозад.

Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ба омилҳои берунае нигаронида шудааст, ки ба фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона таъсир мерасонанд; мониторинги вазъият ва тамоюлҳои ҷории муҳити беруна ва худи корхона, сатҳи амалисозии ҳадафҳо ва вазифаҳои бо мақсади мавқеъёбии корхона дар муҳити беруна, арзёбӣ (ҳангоми зарурат, арзёбии дубора) муқаррароти мақсадноки он ва дар ин асос ташкили алтернативаи стратегиро барои рушди минбаъда пешбинӣ мекунад. Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ на танҳо ба сабти далелҳои мушаххас, балки ба пайгирии равандҳо, тамоюлҳо ё тағйироти назаррас дар муҳити **берунӣ** нигаронида шудааст.

Олимон дар мавриди мураккаб будани муҳити беруна, ки аз тағирёбандаҳои зиёде иборатанд ба минтақа, соҳа, субъекти иқтисодӣ таъсири мустақим ё ғайримустақим доранд, ақидаи ягона доранд. [4 с.255] Дар марҳилаи муосири рушди илми иқтисод тағйирёбандаҳои муҳити беруна амиқ омӯхта шуда, усулҳои пешгӯии тағирёбии онҳо дар дурнамои дарозмуддат таҳия карда шудаанд. Аммо масъалаи ба методологияи умумӣ додани хусусияти соҳавӣ мубрам боқӣ мемонад. Соҳаи кишоварзӣ махсус аст ва пеш аз ҳама, тахти омилҳои табиӣ қарор дорад. Омилҳои сиёсӣ (ҳуқуқӣ), алалхусус барномаҳои давлатии рушд ва дастгирии комплекси агросаноатӣ таъсири зиёд мерасонанд. Дар чунин шароит корхонаҳои кишоварзӣ бештар ба маълумот оиди тамоюлҳои асосии муҳити беруна ниёз доранд. Номгӯи омилҳои асосии муҳити берунии корхонаи кишоварзӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст [7 с.171].

Таҳқиқоти гузаронидашудаи омилҳои муҳити берунаи корхонаҳои кишоварзӣ чунин хулосаро дар бораи гуногуншаклӣ ва мураккабии муҳити беруна тасдиқ мекунад. Дар чунин шароит масъалаи сохтори омилҳои муҳити беруна аз рӯи як қатор нишонаҳои муҳим, аз ҷумла муҳтавои иқтисодӣ ва хусусияти таъсиргузорӣ ба сатҳи рақобатпазирии корхона хеле муҳим аст.

Ба ақидаи мо дар системаи баҳисобгирии идоракунии стратегӣ омилҳои муҳити берунаро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.

Бо усули таъсиррасонӣ ба натиҷаҳои фаъолияти корхона бояд дар байни омилҳои таъсири мустақим ва ғайримустақим доштаро фарқ гузошт. Ба омилҳои таъсири мустақим метавон омилҳои иқтисодӣ ва технологӣ, инчунин омилҳои муҳити атрофи наздикро дохил намуд; ба омилҳои таъсири ғайримустақим омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дохил мешаванд.

Аз рӯи шакли ифода омилҳои миқдорӣ ва сифатиро ҷудо кардан мумкин аст. Динамикаи омилҳои миқдориро бо истифода аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, масалан, афзоиши (коҳиши) ММД бо истифода аз суръати афзоиш, сохтори соҳа - ҳисса ва ғайра метавон арзёбӣ кард. Пешгӯиҳои тағйирёбии омилҳои сифатӣ дар шакли тавсифӣ сохта мешаванд ва бо ченкунии миқдорӣ муайян карда намешаванд. Ба омилҳои сифатӣ метавон вазъи сиёсии кишвар, меъёрҳои фарҳангӣ ва ғайраро дохил намудан мумкин аст.

Ҷадвали 1

Омилҳои муҳити беруна

| Гурӯҳ | Омилҳои умумии (дури) муҳит |
|---|---|
| Сиёсӣ | Суботи сиёсӣ, ҷалби ҳокимият, сатҳи танзими давлатии иқтисодиёт, муносибат бо сохторҳои ҳокимияти маҳаллӣ, танзими зиддиинҳисорӣ, қонунгозории андоз ва ғайра, иштироки давлат дар созишномаҳои байналмилалӣ ва ғайра |
| Иқтисодӣ | Рушди (таназзули) иқтисодии ММД, сатҳи андозбандӣ, меъёрӣ бозтамвил, дастрас будани қарзҳо, устувории воҳиди пулӣ (сатҳи таваррум), сиёсати нархгузорӣ, танзими гумрукӣ, ҷаззобияти сармоягузорӣ, тағйирот дар сохтори соҳавии иқтисодиёт ва ғайра |
| Иҷтимоӣ | Вазъи демографӣ (тағирёбии шумораи аҳолӣ, таваллуд, синну соли миёна), меъёрҳои фарҳангӣ, анъанаҳои миллӣ, (муносибат ба тиҷорат, баробарии гендерӣ), оянданигарии шуғл (бекорӣ), сатҳи даромади аҳолӣ, сатҳи истеъмоли молҳо ва хидматрасониҳо, тағирёбии сатҳи таҳсилот, таҳарруки иҷтимоии аҳолӣ, амнияти иҷтимоии аҳолӣ ва ғайра |
| Технологӣ | Суръати пешрафти илмӣ-техникӣ, пайдоиши технологияҳои нав (парвариши зироатҳои кишоварзӣ, нигоҳдории чорво, коркарди ашёи хоми кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом, ворид намудани маводҳои нав (тухмӣ, хӯроки чорво, нуриҳо, воситаҳои муҳофизатӣ ва ғайра), кам кардани масрафи барқ, модернсозии истеҳсолот, афзудани муҷҷаҳазоти техникии истеҳсолот ва ғайра |

| Омилҳои махсуси (наздики) муҳит | |
|---|---|
| Табиӣ | Минтақаи иқлимӣ, навъи хок, мавҷуд будани (набудани) захираҳои об, ҷангал, вазъи экологӣ. Сатҳи коҳишёбии сарватҳои табиӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва ғайра. |
| Бозорӣ | Афзоиши (коҳиши) ҳаҷми бозор, давраи ҳаётии соҳа, маҳсулот, дараҷаи стандартикунонии маҳсулот, ҳаҷми масорифи воридшавӣ (баромадан), сатҳи даромаднокии соҳа ва ғайра. |
| Рақобатӣ | Мавҷуд будани (набудани) таҳдидҳои пайдошавии рақибони нав, молҳои ҷойгузин, сатҳи рақобат дар соҳа, сатҳи консентратсияи таъминкунандагон, харидорон, рақибон, қобилияти савдои таъминкунандагон ва харидорон, стратегияҳои рақибони мавҷуда ва ғайра. |
| Истеҳсолӣ | Афзоиши (коҳиши) истеҳсоли баъзе навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ, болоравии (касри) иқтидори истеҳсолӣ, суръати тағирёбии технологияҳо, дастрасӣ ба бозори ашёи хом, бозори техникаҳои кишоварзӣ, бозори меҳнат ва ғайра |
| Сохторӣ | Тағйироти сохторӣ дар соҳа, тағйироти сохтор ва хусусияти истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ, миқдор ва сохтори бахшҳои бозор, сохтори фурӯш тавассути каналҳои фурӯш ва ғайра |

*Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти мавҷудбуда*

Системаи баҳисобгирии оморӣ дорои маълумот дар бораи вазъи иқтисодиёт мебошад, равандҳои иҷтимоӣ, демографиро дар кишвар тавсиф мекунад, яъне сарчашмаи муҳимтарини иттилоот барои арзёбии динамикаи омилҳои баҳисобгирӣ маҳсуб мешавад.[2 с.205]

Дар маҷмӯъ, нишондиҳандаҳои иқтисодии пешниҳодшуда имкон медиҳанд, ки шароити берунии фаъолияти корхона арзёбӣ шавад, имкониятҳо ва хатарҳои татбиқи стратегия, нуқтаҳои қавӣ ва заифи корхона, сатҳи рақобатпазирӣ ва суботи молиявии он дар дурнамои дарозмуддат муайян карда шаванд.

Дар ин ҳол, омилҳои муҳити берунии дур ба корхонаҳои комплекси агросаноатӣ таъсири ғайримустақим мерасонанд, омилҳои муҳити берунаи наздик бештар ба натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳои кишоварзӣ ва сатҳи рақобатпазирии онҳо таъсири мустақими шахсӣ мерасонанд. Бинобар ин, таҳлили стратегии тамоюлҳои муҳити берунии наздики муҳити тиҷоратии корхонаҳои кишоварзӣ дар қиёс бо таҳлили муҳити берунаи дур самти муҳимтар мебошанд.

Дар ҷадвали 2 системаи баҳисобгирии омилҳои миқдории муҳити берунии корхонаи кишоварзӣ ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ барои арзёбии вазъ ва динамикаи омил, инчунин мавқеъҳои стратегии субъекти хоҷагидорӣ оварда шудааст [7 с. 145].

Муҳимтарин омили ташкили рақобатпазирии корхона ин муҳити берунии он ҳамчун маҷмӯи шароити татбиқи стратегияи корхона мебошад. Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ба омилҳои беруна нигаронида шудааст, ки ба фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона таъсир мерасонанд; мониторинги ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои рушди муҳити беруна ва худи корхона, сатҳи амалисозии ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегии гузошташударо бо мақсад мавқеъёбии корхона дар муҳити беруна, арзёбии (ва ҳангоми зарурат – арзёбии дубора) ҳадафҳои он ва дар ин асос ташкили алтернативаҳои стратегиро барои рушди минбаъда пешбинӣ мекунад. Баҳисобгирии идоракунии стратегӣ на танҳо ба сабти далелҳои мушаххас, балки ба пайгирии раванд, тамоюлҳо ё тағйироти назаррас дар муҳити **атроф** равона шудааст.

Ҷадвали 2

Корхонаи кишоварзӣ

| *Омилҳо* | *Нишондиҳандаҳои асосӣ барои арзёбии мавқеъҳои стратегӣ* |
|---|---|
| *Омилҳои иқтисодии муҳити беруна (дур)* | |
| Рушди иқтисодӣ (пастравӣ) ММД | Суръати афзоиши ММД (арзиши изофии иқтисодии) минтақа, соҳа |
| Сатҳи андозбандӣ | Сатҳи миёнаи сарбории андоз дар кишвар, минтақа, соҳа |
| Меъёри бозтамвил | Меъёри бозтамвили Бонки миллӣ |
| Дастрасӣ ба қарзҳо | Фоизи миёнаи қарз |
| Устувории воҳиди пулӣ | Сатҳи таваррум |
| Тағйирёбии сохтори соҳавии иқтисодиёт | Ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар ММД, сохтори маҳсулоти кишоварзӣ |

| | |
|---|---|
| Сиёсати нархгузорӣ | Индексҳои тағйирёбии нархҳо, аз ҷумла сӯзишворӣ, нуриҳо ва ғайра |
| *Омилҳои иҷтимоии муҳити беруна (дур)* | |
| Вазъи демографӣ | Суръати афзоиши (коҳишёбии) шумораи аҳолӣ, таваллуд, фавт, аҳолии қобили меҳнат |
| Сатҳи даромади аҳолӣ | Музди миёнаи меҳнати номиналӣ ва воқеӣ дар соҳа, минтақа, таносуби даромади миёнаи пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва сабади истеъмолӣ |
| Сатҳи истеъмоли молҳо ва хидматрасониҳо | Ҳиссаи истеъмоли дохилии маҳсулоти кишоварзӣ, қобилияти харидории даромадҳои пулии аҳолӣ |
| Дурнамои шуғл (бекорӣ) | Суръати афзоиши (коҳиши) шумораи бекорон |
| Омилҳои технологии муҳити беруна (дур) | |
| Пайдоиши технологияҳои нав (парвариши зироатҳои кишоварзӣ, нигоҳдории чорво, коркарди ашёи хоми кишоварзӣ), ворид намудани маводҳои нав (тухмӣ, ғизо, нуриҳо, воситаҳои муҳофизатӣ ва ғайра) | Суръати афзоиши ҳосилнокӣ, маҳсулнокӣ, истеҳсолот ва ҷамъоварии умумӣ |
| Афзоиши муҷаҳҳазоти техникии истеҳсолот | Ҳаҷми сармоягузорӣ дар минтақа дар умум дар соҳа, ба ҳисоби миёна ба як корхонаи кишоварзӣ |
| *Омилҳои бозории муҳити беруна (наздик)* | |
| Афзоиши (коҳиши) ҳаҷми бозор | Иқтидори бозор, суръати афзоишӣ (коҳишӣ) ҳаҷми фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, суръати афзоишӣ (коҳишӣ) воридоти маҳсулоти кишоварзӣ, маҳсулот |
| *Омилҳои рақобатии муҳити беруна (наздик)* | |
| Дараҷаи консентратсияи таъминкунандагон, харидорон, рақибон, сатҳи рақобат дар соҳа | Суръати афзоиши шумораи таъминкунандагон, харидорон, рақибон дар минтақиа |
| Сатҳи даромаднокии соҳа | Натиҷаи умумии молиявии фаъолияти корхонаи кишоварзӣ, шумораи корхонаҳои фоидаовар ва зараровар, сатҳи миёнаи судоварии фурӯш, истеҳсолот, сармоя дар соҳа |
| Мавҷуд будани (набудани) таҳдидҳои пайдоиши молҳои ҷойгузин | Сатҳи миёнаи судоварии баъзе намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ дар соҳа, минтақа, индексҳои тағйирёбии нархҳо ба маҳсулоти кишоварзӣ. |
| *Омилҳои истеҳсолии муҳити беруна (наздик)* | |
| Афзоиши (коҳиши) истеҳсоли баъзе намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа | Суръати афзоиши (коҳиши) ҳосили умумии навъҳои ҷудогонаи маҳсулоти кишоварзӣ, суръати афзоиши ҳосилнокӣ, маҳсулнокӣ, истеҳсол, сатҳи таъминоти ғизои чорво, миқдори нуриҳои истифодашуда |
| Болоравии (касри) иқтидори истеҳсолӣ | Масоҳати замини корам, шумораи воҳидҳои техникаи кишоварзӣ, дар умум ва ба ҳисоби миёна барои як корхонаи кишоварзӣ, ба 1 га майдони кишт |
| Дастрасӣ ба бозори ашёи хом, бозори техникаи кишоварзӣ, бозори меҳнат | Индексҳои тағйирёбии нархҳо ба техникаи кишоварзӣ, тухмии асил, чорвои зотӣ, нуриҳо, музди миёнаи меҳнат дар минтақа, соҳа, шумораи бекорон |
| *Омилҳои сохтории муҳити беруна (наздик)* | |
| Тағйирёбии сохторӣ дар соҳа | Тағйирёбии сохтори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳиссаи он дар маҳсулоти умумии минтақа |
| Тағйирёбии сохтор ва хусусияти истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ | Тағйирёбии сохтор ва хусусияти истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ |
| Шумора ва сохтори бахшҳои бозор | Ҳиссаи бозори дохилӣ ва хориҷӣ аз рӯи намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ҳаҷм ва ҳиссаи хариди давлатӣ |

*Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти мавҷудбуда*

Дар рафти таҳқиқот маҷмӯи омилҳои муҳити берунии корхонаҳои кишоварзӣ муайян карда шуданд, сохторсозии онҳо мувофиқи муҳтавои иқтисодӣ гузаронида шуд, системаи нишондиҳандаҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии тамоюлҳои муҳити кории берунии корхонаҳои кишоварзӣ таҳия карда шуд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар айни замон масъалаи таҳияи модели ягонаи сохторӣ ва мантиқӣ барои гузаронидани таҳлили стратегии муҳити берунии корхонаҳои кишоварзӣ ва тавсияҳои ташкилию методӣ доир ба ташкили пойгоҳи маълумотҳои аввалия, дигаргуншавӣ ва тафсири онҳо барои қабули қарорҳои идоракунии стратегӣ мувофиқи принсипҳои объективӣ, систематикӣ, маҷмӯӣ, таҳаррук ва ғайра то ҳол мубрам боқӣ мондааст.

Барои ҳалли масъалаҳои дар боло овардашуда усули муаллифӣ барои арзёбии ҳолат ва тамоюлҳои асосии рушди муҳити атрофи махсусӣ тиҷоратии корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст.

Ба ғайр аз омилҳое, ки мо дар боло номбар намудем, барои ташкили низоми мукамалли баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ инчунин хусусияти ташкилӣ, техникӣ ва технологии соҳаи кишоварзӣ низ таъсир мерасонанд.

Аз тарафи мо омилҳое муайян карда шуданд, ки ба фаъолияти низоми баҳисобгирӣ ва таҳлилии хароҷот дар соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонанд:

1. Механизми самаранокии танзими муносибатҳои иқтисодӣ;
2. Тафовути нархҳо ба маҳсулоти кишоварзӣ, дастгирии давлатии саноат;
3. Рушди инфрасохтор (фурӯш, таъминот, муассисаҳои молиявӣ, шабакаи нақлиёт)
4. Сифати баланди сиёсати соҳаи кишоварзӣ, барномаҳои СУС;
5. Танзими меъёрии унсурҳои сохтории низоми мукамалли баҳисобгирӣ-таҳлилӣ;
6. Шакли ҳуқуқӣ-ташкилӣ, намудҳои фаъолият ва хусусиятҳои технологӣ;
7. Низоми андозбандӣ (умумӣ, махсус);
8. Сиёсати ҷории шартномавӣ;
9. Унсурҳои ташкилию техникӣ ва методологии сиёсати ҳисобдорӣ;
10. Методҳои таҳлили стратегии идоракунӣ.

Барои баҳодиҳии фаъолияти бахшҳои сохторӣ ва саҳми онҳо дар потенсиали умумии корхона, бояд миқдор ва сифати маҳсулоти истеҳсолшуда, барои ҳар як намуд ва ҳар номгӯй, алоҳида ва боэътимод баҳодиҳӣ карда шавад.

Ташкили хизматрасонии молиявии корхонаи кишоварзиро тибқи қоида ду шӯъба таъмин менамояд: иқтисодӣ ва баҳисобгирӣ

Ӯҳдадориҳои вазифаҳои кормандони шӯъбаи иқтисодӣ таҳияи нақшаи фаъолияти истеҳсолӣ барои оянда, ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои миёнаи миқдорӣ ва сифатӣ аз рӯи натиҷаҳои воқеии фаъолияти корхона дар динамика, муайян кардани самаранокии иқтисодии қарорҳои роҳбарият ва як қатор дигар масъулиятҳоро дар бар мегиранд.

Манбаи нахустин барои нишон додани амалиёт дар регистрҳои баҳисобгирӣ маълумоти ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ мебошанд. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, ки ба муҳосибот ворид шудаанд ё таҳия карда мешаванд, бояд ҳатман дар шакл (пуррагӣ ва дурустии пур кардани тафсилот) ва мундариҷа (қонуният, ҳамоҳангсозии мантиқии нишондиҳандаҳо) санҷида шаванд. Баъдан, ҳуҷҷатҳо бо тартиби хронологӣ ба тартиб ва бо қайди баҳисобгирӣ ба расмият даровarda мешаванд. Дар мавсими киштукори баҳорӣ ва ҳангоми ҷамъоварии ҳосил ҳаҷми корҳои баҳисобгирӣ дар корхона меафзояд. Ба раванди ташаккул ва гурӯҳбандии маълумоти ибтидоии баҳисобгирӣ дар ин давра, кормандони анборҳо ва хирмангоҳ фаъолона ҷалб карда мешаванд, ки маълумотро дар бораи хароҷот ё маҳсулоти ҷамъоваришуда дар феҳристҳои махсус ва ҳисоботҳо дар марҳилаи ҷамъоварии маълумоти аввалия сабт мекунанд.

Гузаронидани таҳлил вобаста ба масъалаҳои тактикӣ ва стратегии идоракунии корхонаи кишоварзӣ вобастагӣ дошта, усулҳо ва инструментарияҳои мувофиқро вобаста аз вазифаҳои гузошташуда, талаб мекунад. Аз тарафи дигар, ин ба дараҷаи кам ба идоракунии маҷмӯи хароҷоти умумии маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат мекунад.

## ПАЙНАВИШТ


1. Балабанова Т.В. Теория и методология управленческого анализа в учетно-аналитической системе сельскохозяйственных предприятий / Т.В. Балабанова: диссертация на соискание учен. степени д.э.н., 08.00.12. – Орел, 2012. – 313 с.
2. Барфиев Қ.Х. Таҳлили фаъолияти хоҷагидории корхона. Китоби дарсӣ. Душанбе -2013. -328 с.

3. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет. Учебник для вузов. 2-е изд., доп. и пер. / М.А. Бахрушина. –М.: Омега-Л.– 2009. – 345 с.
4. Зайцев Л.Г. Стратегический менеджмент: учебник / Л.Г. Зайцев, М.И. Соколова. - М.: Магистр, 2010. - 526 с.
5. Калемуллоев М.В., Файзуллоев А.Х. Совершенствование методики анализа финансово-хозяйственной деятельности сельскохозяйственных предприятий Республики Таджикистан /М.В. Калемуллоев, А.Х. Файзуллоев // Вестник Таджикского националного университета (Серия социально-эконмических наук) № 5. - 2020-С. 138-144
6. Хушвахтзода К.Х., Ойев Н.А. Анализ современного инструментария стратегического управленческого учета на сельскохозяйственных предприятиях // Научно-аналитический журнал. Финансовая экономика. №8. 2020. С. 350-354.
7. Шалаева Л.В. Стратегический управленческий учет затрат в сельском хозяйстве: монография / Л.В.Шалаева. - Пермь: ИПЦ «Прокростъ». 2014. - 171 с

REFERENCES

1. Balabanova T.V. Theory and methodology of management analysis in the accounting and analytical system of agricultural enterprises / T.V. Balabanov: a dissertation for a scholar. Doctor of Economics degree, 08.00.12. - Orel, 2012 .-- 313 p.
2. Barfiev K.Kh. Analysis of economic activity of the enterprise. Textbook. Monday -2013. -328 p.
3. Vakhrushina M.A. Accounting management accounting. Textbook for universities. 2nd ed., Add. and per. / M.A. Bakhrushin. –M .: Omega-L.– 2009. - 345 p.
4. Zaitsev L.G. Strategic management: textbook / L.G. Zaitsev, M.I. Sokolov. - M .: Magister, 2010 .-- 526 p.
5. Kalemulloev M.V., Faizulloev A.Kh. Improving the methodology for analyzing the financial and economic activities of agricultural enterprises of the Republic of Tajikistan / M.V. Kalemulloev, A.Kh. Fayzulloev // Bulletin of the Tajik National University (Series of social and economic sciences) No. 5. - 2020- p.138-144
6. Khushvakhtzoda K.Kh., Oyev N.A. Analysis of modern tools for strategic management accounting at agricultural enterprises // Scientific-analytical journal. Financial economics. No. 8. 2020.p. 350-354.
7. Shalaeva L.V. Strategic management accounting of costs in agriculture: monograph / L.V. Shalaeva. - Perm: IPC "Prokrost". 2014 .- 171 p